**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ оид ба фаъолияти тахассусӣ ва илмии унвонҷӯ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Икромӣ Фазлиддин Нуриддин соли 2009 ба шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2014 факултети мазкурро аз рӯи ихтисоси «Молия ва қарз» бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ, фаъолияти меҳнатии худро соли 2014 дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, аввал ба ҳайси мутахассис ва сипас ҳамчун мутахассиси пешбар ифои вазифа намудааст. Дар солҳои 2015–2017 таҳсили худро дар аспирантураи рӯзонаи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идома додааст.

Соли 2018 рисолаи илмии худро дар мавзуи «Институциональные основы развития рынка ценных бумаг Республики Таджикистан» ҳимоя намуда, ба дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор гардидааст.

Дар давраи солҳои 2018–2020 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар вазифаҳои ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи молия фаъолият намудааст.

Аз соли 2020 то моҳи апрели соли 2024 дар вазифаи мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва кафедраи фаъолияти гумрукӣ ифои вазифа намудааст. Аз моҳи апрели соли 2024 то 1-уми декабри ҳамон сол дар вазифаҳои мушовири академӣ (эдвайзери дараҷаи 1) дар факултети молиявию иқтисодӣ ва дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз 1-уми декабри соли 2024 то ҳол ба ҳайси докторанти анъанавӣ дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дошта, дар самти навиштани рисолаи докторӣ дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» тадқиқоти илмӣ бурдааст.

Мавзуи рисолаи доктории унвонҷӯ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2020 (суратҷаласаи № 08) тасдиқ гардида, аз ҳамон сол то имрӯз ӯ ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи интихобгардида машғул мебошад.

Тадқиқоти илмии мазкур бо назардошти масоили мубрами соҳаи молия, хусусан танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, роҳандозӣ шуда, ҷавобгӯи талаботи замон ва равандҳои муосири иқтисодии кишвар мебошад. Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқ бо истифода аз усулҳои

муосири таҳлилӣ, моделсозӣ ва арзёбии хавфҳои молиявӣ тавонистааст, ки ба масъала бо диди амиқи илмӣ ва таҳлилҳои ҳамаҷониба назар намояд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар маҷмӯъ дар 2 монография ва 52 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 29 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ватаниву хориҷӣ нашр гардидаанд.

Бо такя ба таҷрибаи таҳқиқотии чандинсолаи худ, унвонҷӯ рисолаи доктори̇ро пурра таҳия намуда, онро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Докторант Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар ҷараёни корҳои илмӣ-тадқиқотии худ ҳамчун муҳаққиқи дорои савияи баланди касбӣ, таҳқиқотчии соҳибмалака ва мутахассиси соҳавӣ муаррифӣ гардида, қобилияти баланди таҳлилӣ, дониши амиқи назариявӣ ва дарки дақиқи методология ва методикаи тадқиқоти иқтисодии худро муфассал нишон додааст.

Хизмат ва саҳми муаллиф ҳамчун таҳқиқотчии соҳавӣ, пеш аз ҳама, дар интихоби дурандешона ва саривақтии мавзуи дорои аҳаммияти баланди назариявию амалии тадқиқотӣ ифода меёбад. Дар баробари ин, дониши амиқ ва дарки пурраи мушкилоти мавҷудаи мавзуи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият фароҳам овард, ки дар раванди таҳияи рисола ҳолати кунунии фаъолияти механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва арзёбии ҳамаҷониба қарор дода, таҳдидҳо ва хавфҳои асосии таъсиргузор ба устувории низоми бонкӣ дар кишварро мушаххас ва илман асоснок намояд.

Дар ҷараёни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин тавсияҳои мушовири илмӣ ва андешаҳои мутахассисони соҳаро бо ҷиддият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, тавониста аст фаъолияти тадқиқотии худро ба самти дуруст равона сохта, натиҷаҳои назаррас ва арзишманди илмӣ ба даст орад. Ӯ бо талоши пайваста кӯшиш ба харҷ дод, то масоили муҳими мавзуи таҳқиқро бо дақиқӣ ва возеҳӣ ифшо намояд ва натиҷаҳои бадастомадаро дар сатҳи баланди илмӣ муаррифӣ кунад. Дар асоси хулосаҳои илмии худ, муаллиф чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ бо маърӯзаҳои илмӣ иштирок намуда, фаъолона дар муҳокимаҳои илмӣ ширкат варзидааст, ки ин бозгӯи иштироки фаъоли ӯ дар муҳити илмӣ ва сатҳи баланди омодагии касбии ӯст.

Икромӣ Фазлиддин Нуриддин ҳамчун корманди илмӣ дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ, дониши амиқ дар самти ихтисос буда, ташаббускории баланди касбӣ дошта, масъулиятшинос ва қобилияти ба таври мустақилона ташкили таҳқиқоти илмӣ мебошад. Ӯ қобил аст, ки равандҳои илмӣ-тадқиқотиро дар сатҳи баланд ба роҳ монда, қарорҳои муҳими илмӣ ва амалиро мустақилона қабул намояд ва роҳҳои расидан ба ҳадафу ҳалли вазифаҳои таҳқиқотиро бо риояи меъёрҳои методологӣ муайян намояд.

Кори диссертатсионии навиштаи ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ҳамчун як тадқиқоти мустақилонаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ҷиҳати мантиқӣ тарҳрезӣ ва ба таври мукаммал анҷом ёфтааст, арзёбӣ мегардад. Ин рисола дорои равишҳои нав дар омӯзиши

назариявӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи хулосаву тавсияҳои нав дар самти такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамаи онҳо дар навгониҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии рисола дар амалия низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд, ки далели аҳаммияти амалӣ ва арзиши баланди илмию методологии тадқиқот маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти дастовардҳои илмӣ, дурустии методологӣ ва мукаммалии сохтории кори илмию тадқиқотӣ, метавон ба хулоса омад, ки Икромӣ Фазлиддин Нуриддин мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра ва бомуваффақият амалӣ намуда, равишҳои нави иқтисодиро оид ба асосноксозии такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва асоснок намудааст.

Сохтор, мазмун ва сатҳи илмии рисола пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Икромӣ Фазлиддин Нуриддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ____________ **Қодирзода Д.Б.**

734025: ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17, ДМТ.
Тел.: 221-77-11, E-mail: info@tnu.tj

*Имзои Қодирзода Д.Б.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ**
**«02» 10 2025 с.** **Шодихонзода Э.Ш.**